*Ба Шурои диссертатсионии 6D.К0А- 004*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
*(734025, ш. Душанбе, маҳалаи Буни*
*Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён,*
*бинои таълимии №8, синф. 102)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи «Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт ( 5.2.21 –Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) пешниҳод шудааст.**

Мавзуи тадқиқотии интихобнамудаи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон ба масъалаҳои рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)», бахшида шудааст. Бояд зикр намуд, ки дар тӯли бист соли охир хатари норасоии об ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини рушд ва пешрафти тамаддуни ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили ин мушкилот на танҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, балки дар аксари минтақаҳои ҷаҳон ба як падидаи ҳаррӯза табдил ёфтааст. Талаботи ҷаҳонӣ, чунон ки маълум аст, на танҳо ба нафт ва газ, балки ба об низ рӯз аз рӯз меафзояд. Дар тӯли ду даҳсолаи охир кишварҳои Осиёи Марказӣ бо мушкилоти гуногуни иқтисодӣ ва сиёсӣ вобаста ба тақсимоти минтақавии захираҳои об рӯ ба рӯ шудаанд, ки ба амнияти минтақавии онҳо таъсири манфӣ мерасонанд. Мусалам аст, ки самаранок истифода бурдани об ба минтақаи Осиёи Марказӣ сулҳу салоҳ ва боигарӣ эҳдо менамояд. Вобаста ба ин месазад қайд намуд, ки асри XXI ин замонест, ки афзоиши эҳтиёҷот ба захираҳои об новобаста ба ҳаҷми маҳдудашон хеле афзун мегардад. Масъалаҳои таъмини оби нушокӣ ба манфиятҳои ҳаётан муҳимми баъзе кишварҳои ҷаҳон, махсусан, кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ  таъсири куллӣ расонида арзиши аслӣ, истеъмол ва истифодаи он муносибати нави иқтисодиро тақозо менамояд.

Аз матни автореферати диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон маълум мегардад, ки кори диссертатсионӣ хусусиятҳои муҳимми илмию таҳқиқотӣ, инчунин, дар амалия татбиқшаванда дошта, мустақилона иҷро карда шудааст. Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ, муаллиф принсипҳои раванди ҳамгиройӣ дар доираи ҳамкориҳои минтақавии соҳаи об баррасӣ намуда, пешниҳод кардааст, ки иштироки васеи ҷомеа дар идоракунӣ, банақшагирӣ ва истифодаи захираҳои об ба инобат гирифта шавад. (расми 5. Саҳ. 15)

Муаллиф дуруст ва ҷолиб қайд намудааст, ки бо истифодаи оқилонаи захираҳои об дар минтақа ва ташкили обёрӣ дар асоси муқаррароти методологии таҳияшуда, ки фарқи шароити табиӣ ва иқтисодии истеъмолкунандагони обҳои ирригатсиониро ба инобат мегирад, шароит ҷиҳати рушди мунтазами кишоварзии обӣ фароҳам оварда мешавад. Имрӯзҳо низ идоракунии захираҳои об ҳамчун неъмати иқтисодӣ як равиши муҳим барои татбиқи истифодаи самаранок ва одилона, ҳамчунин, мусоидат ба нигоҳдошту ҳифзи захираҳои об мебошад.

Яке аз бартариҳои автореферати тақризшаванда дар он аст, ки муаллиф бо истифодаи маълумоти дақиқи оморӣ тавонистааст ҳиссаи оби дарёҳои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба маҷрои ҳавзаи баҳри Арал, инчунин, ҳаҷми оби Сирдарё ва Амударёро ба ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ таҳлил намуда, саҳми онҳоро дар рушди иқтисодиёти кишварҳои минтқа муайян намояд.

Нашри мақолаҳои илмии муаллиф паҳлуҳои мухталифи ҷанбаҳои механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи обро дар бар мегирад, ки муаллиф дар ин масъала 13 мақолаҳои илмии худро нашр намудааст, ки аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои нашриявии ба руйхати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда нашр шудааст. Илова бар ин, натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва ҷабҳаҳои гуногуни назариявию амалии он дар чорабиниҳои илмии сатҳи гуногун аллалхусус, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилаӣ маърӯза ва нашр гардидааст.

Дар автореферат дар баробари нуктаҳои муфиди аҳаммияти илмию амалидошта, баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад:

1. Агар муаллиф динамикаи тағйиёбии захираҳои об ба ҳар сари аҳолӣ дар кишварҳои ҳавзаи баҳри Аралро, ки дар расми 12, саҳ, 25 нишон дода шудааст, васеътар шарҳу тавзеҳ медод, қиммати илмии диссертатсия боз ҳам баландтар мешуд.
2. Дар автореферат мушкилоти аслии кишварҳои минтақа дар танзими равобити обию энергетикӣ ошкор карда шудааст, вале сифати кор беҳтар мешуд, агар ба кадом кишвар тааллуқ доштани онҳо ошкор карда мешуд. (расми 15, саҳ. 32)

Эродҳои қайдкардашуда хусусияти паст намудани арзиши илмии тадқиқоти диссертатсионии мазкурро надошта, ба натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Муҳаммадзода Ҷомӣ Абдураҳмон дар мавзуи « Рушди механизми ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи об (дар заминаи маводҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт ( 5.2.21 –

Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) пешниҳод шудааст ба натиҷаҳои анҷомдодашудаи кори илмӣ мувофиқ мебошад. Кори диссертатсионӣ, бо таваҷҷӯҳ ба натиҷаҳои дар автореферат пешниҳодшуда дар сатҳи баланди илмию амалӣ анҷом дода шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
муовини ректор оид ба робитаҳои
байналмилалии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ризозода Тӯра Раббим

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд шаҳри Хуҷанд,17-мкр-н, хонаи 1, Телефон: (+992) 3422 23594 E-mail: t_rizokulov@mail.ru

Имзои д.и.и, професссор Ризозода Т.Р. - ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДҲБСТ Бобоев А. Х.

“31” 03 соли 2026